# Дар Душанбе ҷашнвораи филмҳои Ҷопон баргузор гардид

Рӯзҳои 21 ва 22 феврали соли 2025 дар Кинотеатри “Ватан” Ҷашнвораи филмҳои ҷопонӣ аз ҷониби Сафорати Ҷопон дар Тоҷикистон бо мусоидати Муассисаи давлатии “Тоҷикфилм” баргузор гардид. Ин чорабинӣ бо ҳадафи таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва шиносоӣ тамошобинони тоҷик бо фарҳангу анъанаҳои Ҷопон аз тариқи намоиши синамо баргузор гардид.







Дар маросими ифтитоҳи он Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Хонум ФУРУТА Кейко ва директори Муассисаи давлатии «Точикфильм» Махмадсаид ШОХИЁН иштирок варзиданд. Дар суханронии ифтитоҳӣ онҳо аҳамияти фестивалро ҳамчун платформаи табодули фарҳангӣ, амиқтар кардани ҳамдигарфаҳмии байни мардум ва шиносоии тамошобинон бо таъриху фарҳанги гуногунҷанбаи Ҷопон таъкид карданд.





Дар доираи ҷашнвораи филмҳои Ҷопон се филми ҷопонӣ намоиш дода шуд:

Дар рузи аввал филми «Хатхое, ки маро инъикос мекунанд» (коргардон КОЙЗУМИ Норихиро, соли 2022) дар бораи санъати поэтикии рангубори ҷопонӣ «Суми-э» намоиш дода шуд. Пеш аз намоиши ин

филм котиби якуми сафоратхонаи Ҷопон НИШИКАВА Наоко дар бораи Сумие лекцияи кутоҳ хонд.




Рӯзи дуюм, 22 феврал ду филми дигар намоиш дода шуд: "Баҳор дар дӯкони тофуи Такано" (коргардон Митсухиро МИХАРА, соли 2023) - дар бораи арзишҳои анъанавии оилавӣ ва робитаҳои наслӣ; ва филми дуюм "Хоби апрел, ки се сол тӯл кашид" (коргардон Рютаро НАКАГАВА, соли 2016) як ҳикояи ҳаяҷонбахш дар бораи гум кардан ва пайдо кардани маънои ҳаёт аст.

Дар давоми ду руз дар намоиши филмҳо зиёда аз 300 нафар одамон филмҳоро ба забони ҷопонӣ (бо субтитрхои русӣ) тамошо карданд. Ба гуфтаи ҳозирин ҷашнвора дар сатҳи баланд баргузор шуда, ба онҳо таассуроти хотирмон гузоштааст. Онҳо қайд карданд, ки ин як ҷашнвораи аҷиб ва таъсирбахш буд, ки ба онҳо имкон дод, ки фарҳанг ва анъанаҳои Ҷопонро амиқтар фаҳманд. Бисьёр тамошобинон ба ташкилотчиён барои имконияти беҳамтои дар экрани калон тамошо кардани филми Ҷопонӣ миннатдорӣ баён карданд. Филмҳо доираи васеи эҳсосотро бедор карданд — аз тааҷҷуби зебоии визуалӣ то андешаҳои амиқ дар бораи зиндагӣ ва арзишҳои инсонӣ. Баъзе тамошобинон қайд карданд, ки ҳикояҳо ба онҳо кӯмак карданд, ки бо чашми нав ба санъат ва фалсафаи Ҷопон назар кунанд, ва тасвирҳо дар экран зебогии нотакрори маданияти Ҷопонро нишон доданд.



Фестивали филмҳои Ҷопон дар ҳаёти мадании Душанбе воқеаи барчаста гардид, ки алокаҳои дустонаи халкҳои Ҷопон ва Точикистонро мустаҳкам мекунад. Чунин чорабиниҳо ба густариши муколамаи фарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мусоидат намуда, ба тамошобинон имкони беҳамтоеро фароҳам меоранд, ки фарҳанги ғанӣ ва гуногунҷанбаи Ҷопонро эҳсос кунанд.